**Протоколи №13-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 26-уми августи соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои
шуро 11 нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд тасдиқ шудааст, 11 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро огоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро огоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ (Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор **Муродӣ Мурод Бердӣ**) ба экспертизаи аввалия ва таин намудани комиссияи экспертӣ.

**БАРОМАД КАРДАНД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф. Ҳошимзода Б. Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Султонов Муҳамадато Исоевич ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли

2021, тахти рақами 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Азимов Аъзамҷон Холматович** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ;
- **Бозорзода Нуриддин Шодипур** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;
- **Яқубов Ҷамолиддин Нуридинович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ — Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ — Зоириён Б.Ш.